«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, н.и.ф., дотсент
__________ Гулназарзода Жило
«__» декабри соли 2020

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович дар мавзӯи «Таҳаввули назми муосири тоҷикӣ дар солҳои 50-70-уми асри XX (Дар мисоли осори Аминҷон Шукӯҳӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Адабиёти солҳои 50-70-уми асри XX идомаи мантиқии анъанаҳои даврони қаблии адабиёт, давоми анъанаҳои бузурги устод Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, шоирони ҷавонмарг Пайрав Сулаймонию Ҳабиб Юсуфӣ, давраи ба таври наву тоза дарку таъбир шудани анъанаҳои бузурги адабиёти классикӣ ва сарвати бебаҳои арзишманди шифоҳӣ, давраи таҷдиди навъу жанрҳои суннатии шеъри классикӣ ва парвозҳои тозаи эҷодӣ маҳсуб меёбад. Дар ин давра оҳанги инсонпарварӣ ва рӯҳи башарпарварии шеъри тоҷикӣ торафт барҷастатар намудор шуда, таносуби қавии муносибати хислатҳои миллию байналмилалӣ ба амал омадааст. Муҳимтар аз ҳама, дар ин марҳила адабиёти беш аз ҳазорсолаи классикӣ ва шифоҳӣ ба таври нав дарку баррасӣ шудааст. Агар қаблан сифатҳои нави адабиёт дар эҷодиёти устодон С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, Ҳ. Юсуфӣ, Б. Раҳимзода, М. Миршакар ва дигарон намоён гашта бошад, сифатҳои тоза яке аз хусусиятҳои умдаи адабиёт ва махсусан шеъри тоҷикии солҳои 50-70-уми асри XX гардида, ба шарофати ҷустуҷӯҳои эҷодӣ, вусъати назар ва навпардозиҳои М. Турсунзода, А. Шукӯҳӣ, Ғ. Мирзо ва дигарон дар шеъри ин давра таҳаввулоти маъноӣ, сохторӣ ва ҳунарию бадеӣ ба вуҷуд омадааст. Дарку тасвири дигаргунаи воқеияти иҷтимоӣ ва олами рӯҳиву равонии инсоният ва ба ин восита ба мавзӯъҳои ҷовидонаи адабиёт тобишу рангу ҷилои тоза бахшидан муҳимтарин хусусиятҳои эҷодиёти шоирони насли чорум – М. Қаноат, Лоиқ, Қ. Киром, У. Раҷаб, Б. Собир, Гулрухсор, Ҳ. Файзулло, Ғ. Сафарзода, Гулназар, Ҳ. Ғоиб ва дигарон буда, ҳар кадоме аз ин чеҳраҳои адабӣ дар ташаккулу таҳаввули назми даврони худ саҳми бориз доранд.

Таҳқиқи вижагиҳои адабиёти ин ва ё он марҳила ва ба ин восита таъйини таҳаввулот дар шаклу мазмун ва сабку услуби осори адабӣ дар мисоли таҳлилу таҳқиқи фаъолияти эҷодӣ ва маҳсули қаламӣ чеҳраҳои дурахшони адабӣ даст медиҳад. Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ ва Ғаффор Мирзо маҳз аз ҳамин қабил чеҳраҳои адабӣ буда, маҷрои тозаи назми муосири тоҷик дар нимаи дуюми садаи XX ба шарофати ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва навгароиву навпардозиҳои онҳо огоз шудааст. Агар Ғ. Мирзо дар ташаккулу таҳаввули шеъри иҷтимоии ин давра саҳм гирифта бошад, А. Шукӯҳӣ дар таҳаввули лирикаи ошиқонаю тасвирии назми солҳои мавриди назар ҳиссаи назаррас гузоштааст.

То дастрас шудани диссертатсияи мавриди назар оид ба баъзе хусусиятҳои лирикаи А. Шукӯҳӣ адибону муҳаққиқоне, чун устод Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, М. Шакурӣ, С. Табаров, А. Сайфуллоев, А. Ҳакимов, Ю. Акбарзода, А. Абдуманнон ва дигарон изҳори назар кардаанд, аммо ба тариқи яклухт омӯзиши рӯзгору осор ва, махсусан, таҳаввули назми муосири тоҷик дар солҳои 50-70-ум дар мисоли осори манзуми адиб дар илми адабиётшиносии тоҷик муяссар нашуда буд.

Аз ин нуқтаи назар, мавзӯи интихобнамудаи Бобомаллаев И.Ҷ. аз зумраи муҳимтарин мавзӯъҳои таҳқиқӣ буда, диссертатсияи номзадии ӯ саҳифаи тозаеро дар ривоҷи адабиётшиносии тоҷик боз карда, дар таҳқиқи фарогиру густардатари мероси адабии А. Шукӯҳӣ ва дигар адибони муосири тоҷик заминаи мустаҳками илмиро фароҳам оварда метавонад.

Диссертатсияи мавриди назар муштамил ба се боб ва фаслу зерфаслҳо буда, аз нигоҳи илмӣ ва мантиқӣ дуруст тарҳрезӣ шудааст. Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти мавзӯи таҳқиқӣ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, метод ва равиши таҳқиқ, аҳаммияти назарию амалии кор, саҳми шахсии муаллиф ва коркарду татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ мушаххас шуда, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда таъйин гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Хусусиятҳои нав касб кардани назми солҳои 50-70-уми асри XX»** номгузорӣ шудааст ва бештар хусусияти назариявӣ касб карда, аз ду фасл таркиб ёфтааст. Дар ин боб муҳимтарин вижагиҳо ва дигаргуниҳои назми ин давра баррасӣ шудаанд. Муаллиф заминаҳои таҳаввули лирикаи тасвириро таъйин намуда, моҳияти чунин навъ ва шакли баёну ифода ва усули тасвиргароии шоирони навпардози марҳилаи мавриди назарро ба таҳлилу баррасӣ гирифтааст. Дар баробари маълумоти назарию илмӣ

оид ба масъалаи қувват гирифтани лирикаи тасвирӣ дар назми ин давра дар тақвияти фикр аз назми М. Турсунзода, А. Шукӯҳӣ, Ғ. Мирзо, М. Қаноат, Б. Собир ва Л. Шералӣ мисолҳо оварда шудаанд. Дар фасли аввали ин боб ба лирикаи тасвирии А. Шукӯҳӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир шудааст. Дар ин маврид қайд шудааст, ки ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ дар аксар ҳолат бо тасвири мухтасари ин ё он манзара ва ашёи қаҳрамони лирикиро иҳотакунанда оғоз ёфта, баъдан шоир эҳсосоту туғёни ботинию нишони зоҳирии ӯро ба тасвир мекашад. Дар натиҷа, шоир ба гуфтани ашъоре даст меёбад, ки дар онҳо манзараҳо ва ё унсурҳои олами ашё ҷузъиёти тасвир набуда, ҳамчун унсури меҳварӣ қарор мегиранд (дисс. с. 18).

Дар фасли дуюми боби аввал диссертант хусусиятҳои нав касб кардани назми солҳои 50-70-ро дар асоси таҳқиқоти адабиётшиносон М. Шакурӣ, Х. Шарифов, А. Сатторзода, Ю. Акбарзода, А. Ҳакимов ва дигарон баррасӣ намуда, дигаргуниҳо ва хусусиятҳои нави назми ин давраро дар сохтору шакл, мавзӯю мундариҷа, забону услуб, тарзи бинишу инъикос, корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ ва дар тозаҷӯиҳои шоирон ба мушоҳида гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Аминҷон Шукӯҳӣ ва мақоми ӯ дар дар назми солҳои 50-70-уми садаи XX»** унвон дорад ва аз се фасл таркиб ёфтааст. Дар фасли аввали ин боб зиндагинома ва мероси адабии Шукӯҳӣ дар асоси сарчашмаҳои шарҳиҳолӣ, маълумоти энсиклопедӣ, маводи бойгонии адиб, мақолаю тақризҳо ва ёддошту хотираи ҳамқаламону пайвандон ба шакли амиқ таҳқиқ ёфтааст. Муаллиф ба далелу санадҳои баҳсталаб назари интиқодӣ баён менамояд. Ӯ қайд кардааст, ки «Мутаассифона, баъзан дар бархе аз нигоштаҳои аҳли илму адаб, маълумотнома ва сарчашмаҳои тарҷумаиҳолӣ нисбат ба зиндагиномаи шоир ва манбаю номгӯи осору ашъори ӯ беэътиноӣ зоҳир шуда, далелу назарияпардозиҳои ғалат ва тасҳеҳталаб ҷой доранд» (дисс. саҳ. 40).

Дар фасли дуюми боби дуюм, ки «Мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ» унвон дорад, мавзӯъ ва муҳтавои ашъори А. Шукӯҳӣ, ки ба тасвири паҳлӯҳои гуногуни зиндагӣ, ормонҳои инсонӣ, асрори табиат, худшиносию худогоҳии миллӣ, ҳифозати арзишҳои адабию таърихӣ, Ватан ва ватандӯстӣ, сулҳу амният, ситоиши модар, панду ахлоқ ва ишқу муҳаббат ихтисос гирифтаанд, бо мисолҳои ҷолиб дар пояи назариёти мавҷуда сурат гирифтааст. Дар фасли сеюми ин боб бошад, ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва навпардозиҳои шоир таҳқиқ шуда, дар баробари фаслҳои дигар намунаи бикри таҳаввули назми муосири

тоҷикӣ дар мисоли осори А. Шукӯҳӣ мебошанд. Ба андешаи муаллиф, осори А.Шукӯҳӣ аз хазинаи боғановати адабиёти классикии тоҷику форс, адабиёти муосири тоҷик ва адабиёти классикию давраи нави халқҳои собиқ иттиҳод ғановати маънавӣ гирифта, дар эҷодиёти ӯ ҳам жанрҳои суннатӣ, аз ҷумла рубоиву дубайтӣ, мусаммат ва навҳои он, ғазалу достон ва ҳам шаклҳои аз меъёри анвои суннатӣ озод корбаст шудаанд (дисс. саҳ. 98).

Диссертант навпардозиҳои А. Шукӯҳиро дар мавзӯю муҳтавои ашъор, шаклу қолаби ифода, системаи образҳои шеъриву қаҳрамони лирикӣ, воситаҳои тасвири бадеӣ, забону услуби ифода ва таносуби қавии ахлоқу ишқ ва инъикоси дигаргунаи воқеият ба мушоҳида гирифта, доираи баҳсу мунозира густурда, андешаҳояшро бо мисолҳои мушаххас ва далелҳои илмӣ собит намудааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Хусусиятҳои услубию бадеии ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ»** номгузорӣ шудааст ва дар он услуб ва тарзи нигориши шоир ва ҷанбаҳои бадеии ашъори ӯ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Диссертант ба ин назар аст, ки дар ашъори А. Шукӯҳӣ иборaю таъбирҳои халқӣ мақоми вижа дошта, аз нигоҳи мазмун, ҳамгунии диду андеша ва воситаҳои тасвири бадеию образҳои шеърӣ ва услуби баён ҳамгуни эҷодиёти халқанд. Яке аз сабабҳои зуд ба дили халқ роҳ ёфтану вирди забонҳо гаштани ашъори шоир ҳам маҳз дар ҳамин аст, ки забон ва тарзи баёни шоир ба эҷодиёти шифоҳии халқ хеле наздик аст (дисс. саҳ. 129).

Дар фасли дуюми ҳамин боб хусусиятҳои бадеии ашъори А. Шукӯҳӣ таҳқиқ гардида, мавқеъ ва нақши санъатҳои бадеии маҷоз, ташбеҳ, истиора, киноя, тавсиф, тамсил, таҷнис, ташхис, талмеҳ, тазоду муқобила, ирсоли масал, муболиға, руҷӯи лирикӣ, суолу ҷавоб, такрор ва ғайра дар ашъори шоир нишон дода шудаанд. Ба андешаи диссертант, ин санъатҳо аксаран бидуни ихтиёр ва гоҳо бо нияти хоссаи шоир дар тақвияти фикр ва барои обуранги бадеӣ корбаст шудаанд.

Хулосаҳои муаллифи диссертатсия низ ҷолиби таваҷҷуҳ буда, дар оянда дар таҳқиқи мавзӯъҳои марбут ба таҳаввули назми муосири тоҷик дар мисоли осори чеҳраҳои намоёни адабӣ ва махсусан, лирикаи ошиқонаю тасвирӣ ҳамчун таҳкурсии боэътимод истифода шуда метавонанд.

Диссертатсияи Бобомаллаев И.Ҷ.  дар умум кори илмӣ-таҳқиқии мукаммал буда, аз нигоҳи равиши таҳқиқ ва асосҳои назарию амалӣ қобили таваҷҷуҳ мебошад. Аҳаммият ва навгониҳои илмиву ҷанбаи амалии он барои рушди минбаъдаи илми адабиётшиносӣ судманд ба

назар мерасанд. Хулосаҳои диссертант дар асоси таҳлили амиқи осори адабӣ сурат гирифта, дар рушди илмҳои филологӣ аҳаммияти махсус дошта, мавод ва натиҷаҳои таҳқиқро ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ барои мактабҳои миёна ва олӣ, асарҳои илмӣ ва дастурҳои таълимӣ истифода намудан мумкин аст.

Дар баробари муваффақиятҳо ва арзиши баланди назарию амалӣ дар диссертатсия нуқсу норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки дар сурати ислоҳи онҳо рисола сифат ва аҳаммияти беҳтару бештар пайдо менамояд:

1. Фасли аввали боби дуюми диссертатсия, ки ба таҳқиқи зиндагинома ва мероси адабии А. Шукӯҳӣ ихтисос дорад, муфассалтар шудааст. Таваҷҷуҳ танҳо ба осори манзуми адиб кифоят буд ва таҳлилу таҳқиқи насри бадеӣ, публитсистика, драматургия, осори бачагонаю тарҷумавӣ ва афкори адабӣ-танқидии А. Шукӯҳӣ барзиёд ба назар мерасанд.

2. Дар диссертатсия ҷо-ҷое такрори мисолҳо ба назар мерасанд, ки, ба андешаи мо, зарурат надоштанд.

3. Феҳрасти адабиёти истифодашуда хеле зиёд буда, чанде аз ин номгӯйро сарфи назар кардан мумкин буд.

4. Дар рӯйхати адабиёти истифодашуда осори илмию назарии Р. Амонов, А. Набавӣ (А. Набиев), М. Нарзиқул, А. Зарринкӯб, И. Р. Бехер, Вл. Луговской ҷой дода шуда, мутаассифона, дар диссертатсия андеша ва назариёти ин гурӯҳи адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода нагардидаанд.

5. Дар боби сеюми диссертатсия дар радифи таҳқиқи хусусиятҳои услубию бадеии ашъори шоир ба масъалаи дигари поэтикӣ – вазни ашъор таваҷҷуҳ намудан зарурат дошт.

6. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия (саҳ. 7, 28, 42, 49, 57, 89, 114, 128, 146 ва ғайра) ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ роҳ ёфтаанд.

Албатта, аксари камбудиҳои зикршуда хусусияти ҷузъӣ дошта, чанди дигар ба шакли пешниҳод манзур гардид. Ин ғалат ва норасоиҳо ба мазмун ва муҳтавою дастовардҳои диссертант осеби ҷиддӣ нарасонида, ислоҳи онҳо арзиши илмии диссертатсияро боло хоҳанд бурд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаю маводи чопии муаллиф, ки дар онҳо муҳтавои асосии кор ва хулосаю натиҷагириҳои илмӣ инъикос ёфтаанд, дар чаҳорчӯбаи талаботи мавҷуда таълиф шуда, мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро ифода кардаанд.

Кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон диссертатсияи Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобовичро дар мавзӯи

**«Таҳаввули назми муосири тоҷикӣ дар солҳои 50-70-уми асри XX (Дар мисоли осори Аминҷон Шукӯҳӣ)»**, ки ба талаботи таълифи корҳои диссертатсионӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст, кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ва навоварона меҳисобад. Диссертатсия бо услуби хуби илмӣ, баррасию муҳокимаҳои боэътимод таълиф шуда, натиҷагирӣ дар ҳар фаслу боб қобили таваҷҷуҳ ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик сазовор аст.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар таърихи 27-уми ноябри соли 2020, қарори № 4 бо иштироки диссертант Бобомаллаев И.Ҷ. муҳокима гардид.

Иштирок дошт: 19 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 19 нафар, зид –нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
**мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, н.и.ф., дотсент** **Шамсов Н. С.**

**Ташхисгар:**
**н.и.ф., дотсенти кафедра** **Олимӣ Х. Ҳ.**

**Котиби ҷаласа:**
**номзади илмҳои филологӣ** **Боев Ш. Э.**

**Имзои Шамсов Н.С., Олимова Х.Ҳ. ва Боев Ш.Э.-ро тасдиқ менамоям:**
**Мудири шуъбаи кадрҳои Донишкадаи давлатиии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** **Наҷмуддинов Ш. М.**

**Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Ф. Муҳаммадиев 17/6**
**Тел: (+992 37) 232-50-00; (+992) 918-38-94-05.**
**E-mail: shamsov1960@mail.ru**
**«12» декабри соли 2020**